# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Парвандаи аттестатсионии №__
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 7.03.2026, №12

Дар бораи сазовор донистани Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон (Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

Диссертатсияи Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара (суроға: Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ-25; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, таҳти №2, №34/шд) 20-уми декабри соли 2025 бо суратмаҷлиси №11 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон 8-уми феврали соли 1994 дар деҳаи Ҷиддаи ноҳияи Фархори вилояти Хатлон дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст.

Соли 2015 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро хатм кардааст.

Солҳои 2015-2017 ба ҳайси магистранти кафедраи адабиёти тоҷик, ҳамзамон, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) ва солҳои 2018-2021 ба сифати доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар назди кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст. Айни замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият дорад.

Диссертатсияи Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ: Худоёрзода Раҷабалӣ Сара** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Муқарризони расмӣ: Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Зулфиев Гадомад Нурмадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи мазкур Ҳошимова Хуршеда Абдуманоновна, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосир Шарифзода Лутфулло Абдулло имзо гардида, бо имзою муҳри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худой пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович (Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон) кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои

асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

[1-М]. Турахонов, С.А., Ҳасани Муродиён. Фарҷоми ишқи хомпази пухтапиндор / С.А. Турахонов, Муродиён Ҳасан // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2018. – №1/1(51). – С. 16-21. ISSN 2663-5534.

[2-М]. Турахонов, С.А. Аброр Зоҳир – нависандаи сермаҳсули даврони Истиқлол / С.А. Турахонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. – №1/3(65). – С. 20-24. ISSN 2663-5534.

[3-М]. Турахонов, С.А. Осори публитсистии Аброр Зоҳир / С.А. Турахонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – №1/3(89). – С. 51-55. ISSN 2663-5534.

[4-М]. Турахонов, С.А. Истифодаи шеър дар романи «Мунтасир» / С.А. Турахонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 228-233. ISSN 2413-516X.

[5-М]. Турахонов, С.А. Симои Ҷомӣ дар романи таърихӣ / С.А. Турахонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 187-195. ISSN 2413-516X.

[6-М]. Турахонов, С.А. Мавзуи романҳои таърихии Аброр Зоҳир / С.А. Турахонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3(137). – С. 68-74. ISSN 2663-5534.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Турахонов, С.А. Ормонномаи таърихии миллат / С.А. Турахонов // Ҷумҳурият. – №15(24122), аз 22 январи соли 2021.

[8-М]. Турахонов, С.А., Худоёрзода Р., Калимаҳои шевагӣ ва зарбулмасалу мақол дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» / С.А., Турахонов, Р. Худоёрзода // Меҳровар. – 2022. – №3(41). – С. 30-31.

[9-М]. Турахонов, С.А. Тасвири симои бадеӣ-таърихии Мунтасир дар романи «Мунтасир»-и Аброр Зоҳир / С.А. Турахонов / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Мавлоно ва ҷаҳони муосир» (27-28 апрели соли 2023). – С. 216-223.

[10-М]. Турахонов, С.А. Инъикоси симоҳои таърихӣ дар романи «Мунтасир»-и Аброр Зоҳир ва воқеияти он дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров / С.А. Турахонов / Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон

Ғафуров дар мавзуи «Бобоҷон Ғафуров – муаррифгари таърих ва тамаддуни тоҷикон», аз 16 декабри соли 2023. – С. 193-196.
[11-М]. Турахонов, С.А. «Ёри ғор» – асари бадеии таърихӣ / С.А. Турахонов // Хатлон. – №66 (10951), аз 22 октябри соли 2025.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нурзод Нуралӣ Нор** мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Романи Аброри Зоҳир «Мунтасир» унвон дорад, ки баргирифта аз номи охирин намояндаи Сомониён Исмоил Мунтасири Сомонӣ аст. Диссертант дар матни русии автореферат онро ба шакли «Победитель» тарҷума намудааст, ки маънии луғавии вожаро ифода мекунад. Бо сабаби он ки дар ин ҷо сухан дар бораи шахси муайян ва аниқи таърихӣ меравад, боқӣ гузоштани худи номи он мувофиқи мақсад аст. Ҳадди ақал дар сурати истифодаи маънии луғавии вожа дар тарҷумаи русӣ андаке зарурати тавзеҳ пеш меояд.

2) Маълум аст, ки дар бораи Мунтасир ба ҷуз Аброри Зоҳир нависанда Мубинҷон Юсуфов асари драмавӣ бо ҳамин ном ошно кардааст. Агар муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти хеш ҳар ду асари мазкурро ба сурати қиёсӣ таҳқиқ менамуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд.

3) Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо арзиши кори диссертантро меафзояд.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич** мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Агар дар таҳқиқот идеяҳои меҳварии осори таърихии нависанда – Аброр Зоҳир баррасӣ мешуд, арзиши таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

2) Маҳорати нависандагии Аброр Зоҳир дар қиёс ба осори ҳамнаслони адиб таҳқиқ мешуд, беҳтар мебуд.

3) Ғалатҳои гуногун дар баъзе саҳифаҳо роҳ ёфтаанд (саҳ. 8,10,13,15,17).

3. **Тақризи** доктори фанҳои фалсафа оид ба филология (PhD), дотсенти кафедраи назарияи таълими ибтидоӣ ва томактабии Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд **Каюмов Нодир Найимович** мусбат буда, муқарриз ба автореферат 2 эрод гирифтааст:

1) Аз таҳқиқ маълум мешавад, ки яке аз намунаҳои насри таърихии нависанда ба зиндагиномаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Зимни баррасии чеҳраофаринии адиб дар ин ҷо сухан дар бораи маҳорати

нависанда дар эҷоди симои Амир Алишери Навоӣ меравад. Маълум аст, ки дар адабиёти муосири ӯзбек ҳам романҳои зиёде дар бораи Навоӣ ба қалам омадаанд, ки дар онҳо симои Абдураҳмони Ҷомӣ низ офарида шудааст. Агар диссертант дар ин бахши як таҳқиқи муқоисавӣ анҷом медод, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

2) Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба мушоҳида мерасад, ки рафъи онҳо ба манфиати кори диссертант мебошад.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шарофиддин Асомиддинзода** мусбат буда, муаллифи он ба автореферат 2 эрод гирифтааст:

1) Дар боби аввали диссератсия, ки аз се фасл иборат аст, дар автореферати он бо сабабҳои техникӣ ду фасл зикр гардидааст.

2) Ҳамчунин, дар автореферати диссертатсия баъзе хатоиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, ҳамчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷӯ Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– дар такя ба назарияҳо, методҳо ва равишҳои илмии самти адабиётшиносӣ таҳқиқи диссертатсиониро дар иртибот ба рӯзгору осори Аброр Зоҳир ва вежагиҳои насри таърихии ӯ ба анҷом расонидааст.
– омӯзиши рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва хусусиятҳои насри таърихии Аброр Зоҳирро ҳадафи аслии таҳқиқот маҳсуб дониста, ба хотири расидан ба ин ҳадаф як зумра масоил, амсоли: таҳияи зиндагиномаи адиб ва мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти адиб, ҳамчунин, баррасии романҳои таърихии ӯро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.
– осори манзуму мансури Аброр Зоҳирро аз рӯйи жанрҳои адабӣ тасниф карда, мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии ӯро баррасӣ кардааст.
– муаллиф, асосан, мавзуъҳои романҳои таърихии адибро мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои онҳоро аз рӯйи мавзуъ, мундариҷа ва бадеият таҳқиқ намудааст.
– сохтори ҳунарии осори адиб хусусиятҳои сабкӣ, забони наср ва ҳунари нигорандагӣ ва дигар масоили ба мавзуъ алоқамандро баррасӣ кардааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ҷамъбастии диссертатсияи мазкур метавонад дар таҳқиқи насри таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, маводди дар диссертатсия

истифодашуда метавонанд дар таҳқиқи масъалаҳои адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона барои муҳаққиқони оянда ҳамчун замина ва ё намунаи таҳқиқ қарор гиранд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар шинохт ва муаррифии бештари ҳунари нависандагии Аброр Зоҳир корбаст шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқгардида ва ё маводди алоҳидаи онро метавон дар таҳияи маводи ёрирасони таълимӣ, омода кардани китобҳои дарсии адабиёти муосири тоҷик, дастурҳои таълимӣ-методӣ, матни маърузаҳои илмӣ истифода бурд. Ҳамчунин, таҳқиқи симоҳои романҳои таърихии Аброр Зоҳир дар омӯхтани ҳавзаҳои адабӣ, навиштани диссертатсияҳои илмӣ ва самтҳои омӯхтанашудаи насри таърихии замони Истиқлоли миллӣ кумаки зарурӣ хоҳад намуд.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта** барои донишомӯзони соҳаи филологияи тоҷик ҳангоми навиштани корҳои курсию рисолаҳои хатм ҳамчун маводи лозимӣ хизмат намуда, аз он зимни таълими курсу семинарҳои тахассусӣ ба ҳайси маводи дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии муосири тоҷик рӯзгор ва мероси адабии нависанда Аброр Зоҳир ба сурати мустақил ва ҷудогона мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар баробари ин, таъйин ва таҳқиқи амиқи хусусиятҳои насри таърихӣ, тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳамчунин, сабабҳои ба насри таърихӣ рӯй овардани нависанда, ҳунари нависандагии ӯ дар офаридани симоҳои адабию илмӣ, равиш ва хусусиятҳои тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар асарҳои нависанда – «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба таври муфассал нақду баррасӣ гардидаанд. Дар кори диссертатсионӣ тасвири таърихии бадеият ҳамчун ҳидоятгари худшиносии миллӣ ва ҳифзи маърифати таърихӣ шарҳу баён ёфта, корномаҳои чеҳраҳои таърихӣ дар эҷоди бадеии нависанда муайян гардидааст. Нақши асноду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва тахайюлоти бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии Аброр Зоҳир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, зимнан таъсири ин аносир дар эҷоди симоҳои адабию таърихӣ муфассал тавзеҳ гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аз он аст, ки** натиҷаи таҳқиқ дар дарсҳои маърузавию амалии факултети филологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» истифода шудааст. Қисматҳое аз диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дар семинарҳои махсуси факултети филология арзёбӣ гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аз он аст, ки ӯ** дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бар коркарди назарии мавзуи интихобкардааш муваффақ шуда, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқоти ӯ бо барномаҳои илмӣ робитаи мустақим дорад ва дар он мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмет, объект ва навгонии таҳқиқ асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, арзишҳои назарию амалии диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда асоснок шудаанд. Нуктаҳо ва муҳтавои асосии кори таҳқиқӣ дар автореферат ва мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ инъикос ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара аз 7-уми марти соли 2026 дар бораи сазовор донистани Абдураҳмонзода Салоҳиддин Абдураҳмон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №34/шд), аз ҷумла 3 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.

**07.03.2026.**